# СТРАТЕГИЯИ ПАҲН НАМУДАНИ МАЪЛУМОТҲОИ ОМОРИИ АГЕНТИИ ОМОР

АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мундарича

## 1. Стратегияи паҳн намудани маълумотҳои омории Агентии омор = қонеъкунонии истифодабаранда.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Агентӣ) дар соҳаи сиёсати баҳисобгирии оморӣ ва таҳлили иқтисодӣ дастгоҳи давлатӣ буда, дар фаъолияти худ тобеи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Агентӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи омори давлатӣ», санадҳои меъёрию ҳуқуқии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳо ва супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи Агентӣ, ҳамчунин санадҳои байналхалқии ҳуқуқӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ба роҳбарӣ мегирад.

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» таъсиси асосҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои танзимкунанда барои татбиқи сиёсати ягонаи давлат дар соҳаи баҳисобгирии омори расмӣ ва паҳн намудани маълумотҳои омори давлатӣ мабошад, ки талаботу эҳтиёҷоти давлат ва ҷомеаро ба таври пурра, муътамад, илман асоснок ҳамчунин иттилооти саривақтии омориро дар бораи равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, демографӣ, экологӣ ва ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.

Агентӣ фаъолияти худро оид ба ҷамъоварӣ ва паҳн намудани иттилооти оморӣ, принсипҳои муҳимият, воқеият, саривақтӣ, муътамадӣ, беғаразона, махфӣ будани омор, шаффофият, ошкору дастрас будан, мувофиқатнокӣ ва инъикоси ҳаматарафаи равандҳои иҷтимоию иқтисодиро, ки дар ҷумҳурӣ рух медиҳанд, ба роҳбарӣ мегирад.

Методологияи ҳисобу китоби нишондиҳандаҳои оморӣ, мутобиқи меъёрҳои (стандартҳои) байналхалқӣ, шаклҳо, усулҳои ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои оморӣ, ки Агентӣ муқаррар кардааст, меъёрҳои расмии омории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Яке аз ӯҳдадориҳои Агентӣ омодагии самаранок ва саривақтӣ, паҳн намудани нишондиҳандаҳои босифати оморӣ мебошад, ки метавонанд, ба зуҳуроти иқтисодию иҷтимоӣ ва равандҳо таъсири мусбат расонад, ҳангоми қабули қарорҳо ва ташаккули муносибатҳои худ истифодабарандаҳоро мувофиқи далелҳои собит бо манбаъҳои муътамад таъмин намояд.

Истифодабарандагони ҷорӣ ва оянда сабаб ва мақсади мавҷудият ва рушди низоми оморро ташкил медиҳанд. Масалан, дар низоми рушди омор талаботи истифодабарандаҳо мавқеи афзалиятнокро ишғол менамоянд, аз ин рӯ, фаъолиятро барои қонеъ гардонидани ин талабот равона кардан зарур аст, зеро мувофиқаи мутақобилаи байни истифодабарандагон ва истеҳсолкунандаҳои омори расмиро бевосита дар амал татбиқ

менамоянд.

Низоми омори Тоҷикистон бояд ба таври оммавӣ эътирофи умум бошад, ба истифодабарандагон равона карда шуда бошад, дар сифати манбаи муътамад ва саривақтии нишондиҳандаҳои оморӣ бештар эътироф зоҳир карда шавад. Самаранокии низоми омори расмӣ дар ба таври касбӣ тайёр намудани маълумотҳо ва паҳн намудани иттилоот зоҳир мегардад, гарчанде низоми омор ӯҳдадор аст, таиноти худро то он замоне тасдиқ намояд, ки ҳанӯз нишондиҳандаҳои низоми оморӣ дархост шудаанд ва мавриди истифода қарор доранд.

Истифодабарандаҳои омори расмӣ дар худ тамоми бахшҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ашхоси хусусӣ, субъектҳои хоҷагидор, мақомоти қонунгузор, ҳокимияти иҷроия ва судҳо, мақомоти идораи давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва дигар институтҳои байналхалқиро дар бар мегирад.

Паҳн намудани маълумотҳои оморӣ самаранокии пешниҳоди хизматрасонӣ ба ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқиро мувофиқи талаботашон ифода менамояд. Ин ба ҳамаи намудҳои фаъолияти омори расмӣ тааллуқ дорад, зеро дар худ пешниҳоди натиҷаҳои омори расмӣ, ҳамчунин восита ва усулҳои таъмини дастрасиро ба натиҷаҳо ва асоси методологӣ дар бар мегирад. Вазифаҳои мақомоти омори давлатӣ дар пешниҳоди иттилооти оморӣ, ба таври озоду кушода дастрасии баробар ба ҳамаи истифодабарндагони омори расмӣ мебошанд.

Паҳн намудани маълумотҳои оморӣ аз стратегияи расмӣ, аз тахассусмандии мутахассисон ва пуштибонию дастгирии техникаи муосир вобаста аст.

Дар муассисаи давлатии маркази кулли ҳисоббарории Агентӣ гурӯҳе таъсис дода шудааст, ки вазифаи вай шиносонидани истифодабарандагон бо омори расмӣ мебошад. Ғояи асосӣ аз он иборат аст, ки тамоми дархостҳои истифодабарандаҳо ба гурӯҳи мазкур бо мақсади ҷамъоварии иттилооти бештар муҳим дар бораи миқдор ва навъи истифодабарандагон ва дархостҳо равона карда шаванд.

Агентӣ маълумотҳои омориро паҳн менамояд:

- ба воситаи нашрияҳои оморӣ (шаклҳои чопӣ ё барандаҳои электронӣ);
- ба воситаи хазинаи маълумотҳои оморӣ;
- ба воситаи веб – сайт;
- ба воситаи пешниҳоди иттилооти оморӣ аз тарафи мутахассисоне, ки бо соҳаҳои муайяни оморӣ таллуқ доранд;
- пешниҳоди иттилоот ва маълумотҳо тавассути телефон ё тавассути пӯштаи электронӣ;

Агентӣ ба истифодабарандаҳо хизматҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- маълумотҳо (нашрияҳо) – и хазинаи маълумотҳоро дар

веб-сайт;

- ба дархостҳо ба таври фаврӣ бо мактуб (оид ба маълумотҳое, ки кайҳо чоп шудаанд) ҷавоб мегардонад;

- дархостҳо барои дарёфт кардани маълумотҳо мувофиқи талабот, ки мутахассисони раёсатҳо омода месозанд (коркарди маълумотҳое, ки мутобики фармоишоти инфиродӣ иҷро карда мешаванд);

- истифодаи нашрияҳои оморӣ дар китобхона;

- нусхабардории нашрияҳо;

- бо ёрии компютерҳои китобхонавӣ дастрасӣ ба маълумотҳо;

- ба воситаи фурӯши нашрияҳои оморӣ;

- ба воситаи обуна шудан ба нашрияҳо;

Омори расмӣ боигарии умумии ҷомеа мебошад, аз ин рӯ, бояд барои ҳама дастрас бошад. Маълумотҳои омориро тавре пешниҳод кардан лозим аст, ки натиҷаҳои асосӣ ҳатто бе ягон дониши оморӣ ба ҳама фаҳмо бошанд, яъне дар шакле бошад, ки тафсир, шарҳ ва муқоисаи эътимоднокии дурустро таъмин карда тавонад.

Самту канали асосии паҳн намудани маълумотҳои оморӣ ва таҳлил веб – сайти Агентӣ мебошад. Он чизе, ки ба тағйироти шароитҳои бозорӣ ва талаботи зиёди истифодабарандагон дар нашрияҳои шакли электронӣ дахл дорад, дар ин хусус қайд кардан лозим аст, ки Агентӣ дар мӯҳлати кӯтоҳтарин нашри ҳамаи нашрияҳои худро дар шакли электронӣ дар веб – сайти худ оғоз мекунад. Ғайр аз веб – сайт, Агентӣ дигар самту каналҳоро барои паҳн намудани маълумотҳои оморӣ ва таҳлил, аз он ҷумла чопи нашрияҳо ва васоити электронии ахбори оммаро истифода мебарад. Дар айни замон, тамоми нашрияҳои Агентӣ дар намуди чопӣ ба табъ мерасанд, вале ҳадафи тӯлонӣ аз он иборат аст, ки зина ба зина кам шудани нашрияҳои чопӣ ва зиёд намудани барандаҳои электронӣ дар назар аст.

Тамоми нашрияҳои мавҷуда, маълумотҳо ва хазинаи маълумотҳо дар веб – сайти Агентӣ ройгон – бепул пешниҳод карда мешаванд. Ҳангоми истифода ё нусхабардории маълумотҳои дар веб – сайт ҷой додашуда ё дар нашрияҳои Агентӣ чопшударо нишон додан зарур аст, зеро ки манбаи маълумотҳо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Нашрияҳои чопӣ ва талаботу дархости истифодабарандаҳо, ки коркарди махсусро талаб мекунанд, яъне он маълумотҳоеро, ки мувофиқи дархости истифодабаранда тайёр карда мешаванд, дар нархномаи нашрия ва хизматрасонӣ, дар барномаи нашрӣ чоп шудаанд (дар шакли чопӣ, инчунин дар сайти Агентӣ бепул дарёфт кардан мумкин аст), дар нархномаи нашрияҳо муқаррар карда шудаанд.

Иттилоот дар бораи аз чоп баромадани ҳамаи нашрияҳо пешакӣ хабар дода мешаванд. Иттилоот дар бораи нашрияҳои ба

нақша гирифташуда бо санаи аниқи нашрия дар тақвими нашрияҳои маълумотҳои оморӣ дар соли мушаххас (минбаъд, тақвим) пешниҳод карда шудаанд. Тақвим дар веб – сайт дастрас мебошад, ҳамчунин дар намуди чопӣ барои истифодаи дохилӣ дастрас мебошад. Тамоми нашрияҳо бояд мувофиқи нақша, мутобиқи нишондоди тақвим аз чоп бароянд, дар веб – сайт дастрас бошанд (илова ба ин, ки кайҳо дар айни замон дар сайти Агентӣ чоп шудаанд) ин баробар аст ба соати 11 санаи муқарраршуда. Дар бораи ҳамагуна тамоюлоти нақша дар тақвим, пешакӣ иттилооти зарурӣ ва шарҳ пешниҳод карда мешавад, санаи нави чопи нашрия муқаррар карда мешавад.

Бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истифодабарандаҳо тамоми чопи мунтазами нашрияҳо дар веб – сайти Агентӣ ҷойгир карда мешаванд, онҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба ҳама дастрас мебошанд. Агентӣ ҳуқуқи танҳо чопи маводҳои махсусро бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бо худ ҳифз менамояд.

Мувофиқи дархостҳои мактубӣ истифодабарандаҳои омори расмӣ метавонанд маълумотҳои ҷудогонаи омориро бе муайян намудани ашхос, фаъолиятеро, ки ба таткиқотҳои илмӣ вобастаанд, паҳн намоянд. Ингуна маълумотҳо ба ташкилотҳои илмӣ, ба олимоне, ки дар мақомоти марказии идораи давлатӣ ба қайд гирифта шуда бошанд ва дар соҳаи илм масъулиятро ба душ доранд ва ба дигар субъектҳое, ки ба фаъолияти илмӣ машғуланд, пешниҳод шуда метавонанд. Дар дархости мактубӣ мақсади истифодаи маълумотҳои оморӣ бояд нишон дода шавад.

Барои истифодаи маълумотҳои оморӣ қарордоди махсус имзо кардан зарур аст, мувофиқи қарордод истифодабарандаи маълумотҳои оморӣ масъулияти молиявӣ ва ҷавобгариро ба душ дорад, барои он ки маълумотҳои оморӣ танҳо бо мақсадҳои дар дархост нишон додашуда истифода бурда шудаанд; зеро вай барои тафтиш ё истифода ба шахсе беиҷозат пешниҳод намудан ҷавобгарии ҷиноятиро ба зимма дорад, баъди истифода маълумотҳоро бояд нобуд кунад.

Ҳар кадом раёсати Агентӣ нисбат ба маълумотҳои инфиродӣ бояд дар доираи фаъолияти худ қоида ва принсипи худро муқаррар намояд, масалан, барои пешгирӣ кардани дарки воҳидҳои ҳисоботи оморӣ кадом маълумотҳоро муттаҳид кардан лозим нест, кадоми онҳо ба ин маълумотҳо муносибат доранд, маҷмӯи маълумотҳо, ки маълумотҳои инфиродиро ошкор карда метавонанд.

Ба нақша гирифта мешавад, ки «рӯзҳои дарҳои кушода» гузаронида шавад, ин рӯзҳо имконият медиҳанд, ки оид ба омор, ба гурӯҳҳои мақсаднок ва ба ҷомеаи васеи истифодабарандаҳо дониши мукаммал дода шавад. Мавзӯъҳои рӯзҳои дарҳои кушода ба соҳаҳое мансубанд, ки бо онҳо гурӯҳҳои мақсаднок ё ҷомеаи васеъ ба таври кофӣ шинос нестанд, ё ин ки дар мавриде тахмин

меравад, ки дониши мутахассисони Агентӣ дар соҳаи мушаххас метавонад барои истифодабарандаҳо хеле фоидаовар бошад. Бахш ва соҳаҳои омор, ки дар рӯзҳои дарҳои кушода, дар бораи онҳо сӯҳбат кардан имконпазир аст, аз ҳаҷми шавқу рағбат ва манфиатдорӣ ба маълумотҳои ҷории оморӣ ва аз талаботи ҷорӣ барои фаҳмидани омори расмӣ вобаста аст.

Гурӯҳҳои махсуси мақсаднок, ки барои рӯзҳои дарҳои кушода пешбинӣ шудаанд, инҳо рӯзноманигорони васоити ахбори омма мебошанд. Агентӣ ба нақша мегирад, ки ба рӯзноманигорон шарҳу тафсири методологияи фаҳмо, ошкору возеҳи зарурӣ (шарҳу тафсири методология бо забони оддию фаҳмо, на бо забони илмии мураккаб)- ро бо роҳи ташкили рӯзҳои дарҳои кушода ташкил намояд, барои он ки онҳо ба таври дуруст ва босифат маълумотҳои омориро шарҳ дода тавонанд.

Яке аз мақсадҳои Агентӣ аз он иборат аст, ки таъсиси ягонаи муоинашавандаи баробар ба вуҷуд оварда шавад. Ҳамаи кормандони Агентӣ бояд мувофиқи коидаҳо амал кунанд, дар сурате, ки агар кор ба истифодаи меъёрҳои (стандартҳои) мавҷуда тааллуқ дошта бошад. Тамоми принсипҳои роҳбарикунанда оид ба омодагӣ ва паҳн намудани иттилоот ва меъёрҳо (стандартҳо) аз тарафи ҷузъу томҳо муқаррар ва таъсис дода мешаванд.

Қисмат (ҷузъу том) оид ба паҳн намудану пешниҳоди маълумотҳо барои гузаронидани чорабиниҳои бозорӣ (маркетингӣ), аз ҷумла саволномаҳо бо шарҳи нишондиҳандаҳо ҷавоб медиҳад. Кормандони ҷузъу том барои ба амал баровардани тадқиқоти қонеъгардонии истифодабарандаҳо бо фарогирии истифодабарандагони ҷорӣ ва пуркудрат ҷавобгӯй мебошанд, мақсади тадқиқотро муайян менамоянд: проблемаҳо ва мақсадҳо, муайян намудани манбаъҳои тадқиқот, гузаронидани интихоби тадқиқот, воситаи шарҳу тафсир ва пешниҳоди натиҷаҳоро анҷом медиҳанд.

Ҳадафҳои тадқиқоти қонеъгардонии истифодабарандагон гуногун мебошанд:

- омӯхтани талаботи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ;
- омӯхтани афзалиятнокии истифодабарандагон барои таъсиси нашрияҳои гуногун ва хизматҳо;
- дарёфт кардани тақризу таклифҳо дар бораи нашрияҳо ва химатрасониҳое, ки Агентӣ пешниҳод менамояд;
- ба даст даровардани иттилооти бештар зарурӣ, ки барои рушди минбаъдаи нашрияҳо ва хизматҳо аҳамияти муҳим доранд.

Агентӣ ба воҳидҳои ҳисоботи оморӣ махфӣ нигоҳ доштан ва муҳофизати иттилооти омории пешниҳодшуда, риояи сирри давлатӣ ва тиҷоратӣ, ҳифзи қонунии манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро кафолат медиҳад.

Маълумотҳои оморӣ, ки аз воҳидҳои ҳисоботи оморӣ ҷамъоварӣ карда шудаанд, бе нишон додани баробарҳуқуқӣ,

мустақим ё ғайримустақим чоп карда мешаванд, ба ашхоси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки ба Агентӣ ҳисоботи оморӣ пешниҳод менамоянд, иртибот додан мумкин аст. Тамоми маълумотҳое, ки Агентӣ чоп мекунад ва маълумотҳое, ки мувофиқи дархости истифодабарандаҳо таҳия карда шудаанд, дар намуди таҳлил пешниҳод карда мешаванд, агар дигар мувофиқатнома бо воҳидҳои ҳисоботи оморӣ комёб нашавад. Мувофиқи Қонун маълумотҳои омории инфиродиро ба истиснои мавридҳои зерин паҳн кардан мумкин аст:

- агар воҳиди ҳисоботи оморӣ дар намуди мактубӣ ба ингуна паҳн намудани маълумотҳо розигӣ диҳад;
- агар маълумотҳо дар рафти ҷамъоварии ҷамъиятии маълумотҳо ҷамъ карда шуда бошанд(ба таври дастраси умум);
- агар онҳо дар шаклу усуле паҳн карда шаванду ба воҳиди ҳисоботи оморӣ, ки ба вай маълумотҳо тааллуқ доранд, имконияти баробарҳуқуқ надошта бошанд.

**2.Нашри омори расмӣ**

Барои ҳамаи маълумотҳое, ки нисбат ба кадом, кай ва чӣ қарори дахлдор қабул карда шудааст, ки маълумотҳои оморӣ бояд нашр карда шаванд, Агентӣ пурра масъулиятро ба зимма дорад.

Ҳеҷ кас то аз чоп баромадани омори расмӣ ба маълумотҳои оморӣ дастрасӣ карда наметавонад. Ин яке аз принсипҳои муҳимтарини паҳн намудани маълумотҳои Агентӣ мебошад, ки барои таъмини дастрасии баробар ба маълумотҳои оморӣ ба ҳамаи истифодабарандагон мебошад – истифодабарандагони имтиёзнок набояд бошанд.

Кормандони Агентӣ, ки дар ҳайати таҳририя иштирок менамоянд, дар тайёр намудани маълумотҳои оморӣ барои нашр саҳмгузор мебошанд ва Директор то нашри онҳо ба маълумотҳои оморӣ дастрасӣ карда метавонад. Дигар кормандон низ вобаста ба иҷрои кори худ, барои ҳисобу китоби маълумотҳои оморӣ (нишондиҳандаҳо), ки бо баъзе дигар маълумотҳо вобастагӣ доранд, дастрасӣ карда метавонанд.

Вале маълумотҳои омори расмӣ, пеш аз он ки онҳоро Агентӣ ба табъ расонад, набояд ба таври мустақим ва ё ғайримустақим нав карда шаванд.

Тақвими нашри маълумотҳои оморӣ дар худ нашрияеро инъикос менамояд, ки дар он хулосаи дақиқу аниқи нашрия дода мешавад, тақвимро Агентӣ дар соли оморӣ, як сол пеш чоп менамояд.

Ба нақша гирифта мешавад, ки тақвими дохилии нашрияҳо омода карда шавад, вай сана ва рӯзҳои ҳафта, моҳҳо ва ҳафта, соли чопи нашрияро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, дар тақвим номи нашрияҳо, давраи асосӣ (заминавӣ), сатҳ ва забони нашрияҳо нишон дода мешавад. Дараҷаи нашри Нашрияи Якум

– ҳармоҳа, ҳар семоҳа, як маротиба дар ним сол ва ҳарсола мебошад.

Иттилоот дар бораи маътал кардан ва тағйироте, ки ба санаи чоп тааллуқ дорад, бояд пешакӣ хабар дода шавад. Агентӣ ӯҳдадор мешавад, ки дар бораи ҳамагуна маъталкорӣ ё тағйироти санаи нашр хабар диҳад ва дар веб – сайти Агентӣ оид ба ин тағйирот на камтар аз се рӯзи корӣ то санаи оғози нашр дар тақвим истифодабарандаҳоро бохабар созад.

Барномаи чоп (минбаъд Барнома)- ин феҳрасти нашрияҳои Агентӣ мебошад. Вай ҳар сол дар охири сол барои соли ояндаи оморӣ чоп карда мешавад. Ин нашрия (феҳраст) ба таври ройгон – бепул дар веб – сайти Агентӣ ҷой дода мешавад, ҳамчунин дар намуди китобча чоп карда, паҳн карда мешавад.

Дар қисми аввал тасвири нашрияи Агентӣ, ҳамчунин иттилои умумӣ дар бораи навъи нашрия инъикос карда мешавад. Баъдан хулосаи батафсили масъалаҳое, ки дар як сол пешакӣ ба нақша гирифта шудаанд, инъикос карда мешавад. Нашрияҳо аз рӯи соҳаҳои оморӣ гурӯҳбандӣ шудаанд. Дар қатори рақам ва номи нашрияҳо дар бештар маврид тавсири мухтасари нашрияҳо, санаи чоп, дараҷаи нашрияҳо, сатҳи маълумотҳо, забон, шакл ва баранда, ки дар он нашрияи мазкур чоп мешавад, дода мешавад.

Дар охири барнома истифодабарандаҳо иттилоотро дар бораи тарзи пайдо ва дарёфт кардани маълумотҳои муфассали оморӣ ва нашрияҳо, рақами телефонҳо ва суроға барои иттилоот, тартиби намунаҳо, шикоятҳо, пардохт ва бурда расонидани нашрияҳоро пайдо карда метавонанд. Барнома низ прейс– варақи нашрия ва хизмати Агентӣ мебошад.

Агентӣ маълумотҳои пешакӣ ва ниҳоии тарҷеиро оид ба соҳаҳои зиёди оморӣ чоп мекунад. Маълумотҳои пешакӣ танҳо дар ҷое истифода бурда мешаванд, ки дар он ҷо саривақтии онҳо аҳамияти муҳим доранд.

Барои нашри маълумотҳои пешакӣ ҳамеша рақамҳои ниҳоиро таъқиб мекунанд. Маълумотҳои пешакӣ дар веб – сайти Агентӣ ҷой дода мешаванд ё дар намуди нашрия чоп карда мешаванд, барои онҳо бояд таъқиб карда шавад, вақте ки имконият ҳаст, дар бораи санаи нашри маълумотҳои аниқ эълон дода мешавад.

Кормандони Агентӣ тамоми қувваро ба он сафарбар менамоянд, то ки миқдори хатогиҳо то нашри маълумотҳо кам карда шаванд. Хеле муҳим аст, ки боварӣ ба омори расмӣ, инчунин ба Агентӣ ба сифати муассиса ҳифз карда шавад, зеро мақсади асосӣ дар паҳн намудани омори расмӣ мебошад. Мутобиқи ин хеле муҳим аст, ки Агентӣ хатогиҳоро эътироф ва аниқ кунад, шарҳи холисонаю беғаразона ва касбӣ - тахассусӣ диҳад.

Бо назардошти он ки таваккал ва хатари зиёд вуҷуд дорад, ҳангоме, ки истифодабарандаҳо то ошкор шудани ғалату хатогӣ

ва ислоҳи онҳо маълумотҳоро дарёфт карда истифода мебаранд, нашри ғалату хатогиро аз рӯи имконият дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ба амал баровардан зарур аст, истифодабарандаҳо бошанд, бояд имконият дошта бошанд, ки ба таври аниқ ва дақиқ фаҳмида тавонанд, ки ғалату хатогӣ ислоҳ карда шудааст.

Дар мавриди хатогии ҷиддӣ, ки барои ислоҳаш беш аз як рӯзи кориро талаб кунад, маълумотҳои ғалату нодурусти нашрро аз сайти Агентӣ ҷудо кардан лозим аст ва дар саҳифаи асосии ахборот дар бораи он ки кай ва чӣ вақт хатогӣ ислоҳ карда мешавад ё ислоҳ ҷой карда мешавад, хабар дода мешавад. Бо чопи намуна, бо ворид намудани тағйирот ба маълумотҳои нашрияҳо ё ислоҳи маълумотҳои такроран чопшуда, ҳамзамон аввалин шуда дар нашрияҳо чоп карда мешаванд, дар онҳо ислоҳҳо ба таври аниқу равшан инъикос карда мешаванд. Дигар карда гуем, маълумотҳои чопшуда, ки дар онҳо хатогӣ содир шудааст, баъзан ба чопи дуруст иваз карда намешаванд, агар дар нашрия ба таври аниқу равшан ислоҳҳо инъикос нашуда бошанд (дар ислоҳ нишон додани истинод ҳатмист).

Агар хатогӣ ошкор шуда бошаду дар ҳамон рӯзи чоп ислоҳ карда шуда бошад, дар хабарнома дар бораи ворид намудани ислоҳ вақту замони аниқи ислоҳ нишон дода мешавад. Ислоҳҳои тасҳеҳот /чопи такрор бе додани хабарнома дар бораи ворид намудани ислоҳ ба амал баровarда мешавад.

**<u>3. Нашрияҳои Агентии омор</u>**

Нашрияҳои Агентӣ барои истифодабарандаҳо дар шакли чопӣ ё дар шакли электронӣ (Е-майл/барандаи электронӣ ва интернет) дастрас мебошанд. Бисёрии натиҷаҳои тадқиқотҳои оморӣ бо усули стандартӣ- дар намуди чопӣ, ҳамчунин аз рӯи дархост дар шакли электронӣ (Е-майл/барандаи электронӣ) чоп карда мешаванд. Агар натиҷаҳои тадқиқотҳои оморӣ дар шакли чопӣ чоп карда нашаванд, дар он сурат онҳо дар хазинаи маълумотҳо дар веб – сайти Агентӣ ё дар барандаҳои электронӣ дастрас мебошанд. Сарфи назар аз шакле, ки дар он маълумотҳо чоп карда мешаванд (дар шакли чопӣ ё электронӣ) қоидаи дигар дар ҳамаи нашрияҳои эълон дар бораи онҳо пешакӣ хабар дода мешавад, санаи аниқ (рӯзу моҳ)- и нашрияҳо муқаррар карда мешавад. Тамоми нашрияҳо ба ҳамаи истифодабарандаҳо дар як вақт дастрас мебошанд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳеҷ кас то чоп шудани нашрияҳо ба онҳо дастрас шуда наметавонад (ниг. ба фасли дастрас будани омори расмӣ то нашри нашрияҳо).

Агентӣ якчанд ногмгӯй нашрияҳоро чоп мекунад: вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, омори солона, минтақаҳои Тоҷикистон, Тоҷикистон дар рақамҳо, Тоҷикистон ва мамлакатҳои ИДМ, молия, нишондиҳандаҳои асосии низоми ҳисобҳои миллӣ, саноати Тоҷикистон, сохтмон, кишоварзӣ, пахтакорӣ, буллетени иттилоотӣ дар бораи бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ, ҳифзи

муҳити зист, нишондиҳандаҳои асосии савдо, таъминоти моддию техникӣ, нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, шумораи аҳолӣ, маориф, омори солонаи демографӣ, бозори меҳнат, нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо ва ғайраҳо.

Тамоми истифодабарандаҳо, ба истиснои онҳое, ки нашрияҳоро бепул мегиранд, нашрияҳои Агентиро мувофиқи нархномаи нашрияҳо ва хизматҳое, ки дар сайт чоп шудаанд, харида метавонанд.

**4. Коркарди маълумотҳо**

Тадқиқотҳои омории гузаронидашуда, маълумотҳои ҷамъоварӣ кардашуда ва кор карданашуда барои истифодабарандаҳо пешбинӣ карда шудаанд.

Нақши истифодабарандаҳо аз ҳама бештар муҳим аст, вай дар қатори бохабар будан, сатҳи дониш ва сифати афзудаистодаи маълумотҳои оморӣ ва хизматрасониро меафзояд. Омори миллӣ барои истифодабаранда мустақил ва равона кардашуда мебошад, ин рамзи ҷомеаи демократии рушдёфтаро инъикос менамояд. Аммо истифодабарандаҳо дар бештар маврид иттилооти барояшон заруриро, ки дар маълумотҳои расмии чопшуда ҳамроҳ карда шудаанд пайдо карда наметавонанд, ин табиатан маънии онро надорад, ки истифодабарандаҳо наметавонанд маълумотҳои дархосткардаашонро дарёфт кунанд. Ингуна иттилоъ мувофиқи дархости истифодабаранда кор карда баровардa мешавад ва вобаста ба мураккабии дархост ва вақту замоне, ки ба мутахассис барои омода сохтан зарур аст, пардохта мешавад.

Гарчанде пешгӯиҳои талаботиояндаи истифодабарандаҳо як қисми мӯҳими стратегияи паҳн намудани маълумотҳои омории Агентӣ мебошанд, ба Агентӣ имконияти чопи ҳамаи маълумотҳое, ки истифодабарандаҳо хоҳиши чоп кардани онҳоро доранд, нест. Аз ин сабаб, баъзе маълумотҳои оморӣ танҳо аз рӯи дархости истифодабарандаҳо дастрас мебошанд.

Дархост барои иттилоот/ маълумотҳо дар худ дархостро барои иттилоот дар бораи Агентӣ ва фаъолияти вай ва дар бораи маълумотҳои чоп кардашуда, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд, инъикос менамояд. Ҷавобҳо ба дархостҳо барои иттилоъ/ маълумотҳо ба забонҳои тоҷикӣ ё русӣ пешниҳод карда мешаванд.

Дархост барои иттилоъ/ маълумотҳо ё тавассути телефонограмма, почтаи электронӣ, тавассути факс ё тавассути пушта ( дар намуди мактуб) пешниҳод карда мешавад.

Истифодабарандагон бо рақами телефонҳои нишон додашуда бо ҷузъу том оид ба паҳн намудани иттилоот телефон карда, тамоми иттилоотро дар бораи аз куҷо пайдо кардани маълумотҳои зарурӣ ё дастурамалро дар бораи чӣ гуна барои дарёфт кардани нашрияҳо, ё дар бораи коркарди маълумотҳо аз

рӯи фармоиши инфиродӣ, инчунин тамоми иттилоотро, ки ба Агентӣ ва фаъолияти вай тааллуқ доштаро гирифта метавонанд.

Агар барои ҳалли масъала вақти зиёд талаб кунад, кормандони ҷузъу том оид ба паҳн намудани маълумотҳо аз истифодабарандаҳо хоҳиш менамоянд, ки телефони робитаро монанд, то ин ки баъди машварат бо мутахассисони раёсат телефон карда шавад, дар навбати худ мутахассис низ аз раёсат рақами телефони робитаро медиҳад, дар хусуси он ки соҳаи дониш ба ҷавоби саволи истифодабаранда мувофиқат намояд ё хоҳиш менамояд, ки истифодабарандаҳо дархости худро тавассути пӯштаи электронӣ, факс ё тавассути пӯшта пешниҳод намоянд.

Дархост барои коркарди маълумотҳо аз рӯи фармоиши инфиродӣ дар худ талаботи пешниҳоди иттилооти/ маълумотҳои бештар муфассалро дар асоси ҳамон иттилооте инъикос менамояд, ки ба маълумотҳои чопшуда дастрас мебошад, яъне дар нашрияҳо, хазинаи маълумотҳо ё дар веб – сайти Агентӣ ба табъ расидаанд. Иҷрои ингуна дархостҳо коркарду таҳлили иловагии маълумотҳоро тақозо мекунад, зеро чунин амал аз тарафи мутахассисони раёсатҳо бо ёрии технологияи иттилоотӣ анҷом дода мешавад. Коркарди маълумотҳо аз рӯи фармоиши инфиродӣ дар ҳамаи соҳаҳои омор дастрас буда, дархости иинфиродӣ шуда метавонад, ҷавоби дархостҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод карда мешавад.

Дархости ба стандарт (меъёр) мувофиқ кардашуда барои коркарди маълумотҳо аз рӯи фармоиши инфиродӣ маълумотҳоеро дар назар дорад, ки дар бораи савдои хориҷӣ, истеҳсолоти саноатӣ, индекси нархҳо дар хароҷот ва индекси даромадҳо ва ғайраҳоро дар бар мегирад, пардохт бошад, на аз рӯи кори ҳарсоатаи мутахассиси раёсат ва хароҷот барои технологияи иттилоотӣ, балки аз рӯи ҳаҷми маълумотҳо сурат мегирад.

## 5. Паҳн намудани маълумотҳо дар дохили Агентӣ

Канали асосии паҳн намудани иттилоот ва маълумотҳо дар дохили Агентӣ Интернет мебошад. Вазифаи асосии вай аз он иборат аст, ки ба кормандони Агентӣ дар омӯхтани иттилоот мусоидат менамояд, баъдтар дониш ҳосил мекунад ва истифода мебарад. Ғайр аз ин, ҳадафи интернет аз он иборат аст, ки ба ҳамкории мутақобила кӯмак мерасонад ва бо роҳи пешниҳоди иттилоот дар бораи муассиса, вазифаҳои вай ва кормандон баробарӣ – мусовиятро таъсис медиҳад.

Интернет асбоби кории фоидаовар мебошад, зеро вай дар маҳорату малакаҳо, донишҳо, ошкорбаёнӣ ва ҳаҷми иттилоот дар чорчӯбаи Агентӣ мусоидат мекунад. Интернет барои кормандон асбоби фоиданок мебошад, гарчанде онҳо медонанд, ки Интернет – ин ҳамеша манбаи иттилооти тоза ва нав дар бораи Агентӣ

мебошад, вай барои қабули қарор, навиштани ҳисобот ва сатҳи умумии иттилоот ба кормандон зарур аст.

## 6. Робита бо ҷомеа

Агентӣ барои истифодабарандаҳо вуҷуд дорад, инчунин барои он вуҷуд дорад, ки робитаи самаранок (мустақим ва ғайримустақим)- ро таъсис намояд, барои комёб шудан ба ҳадафҳои стратегияи паҳн намудани маълумотҳои омории Агентӣ равона карда шудааст. Стратегияи фаъолияти босифати рекламавӣ, ки барои хабар додани иттилоот ва хотиррасон кардан асоснок карда шудааст, зарур аст.

Ҳадафи робита бо ҷомеа аз он иборат аст, ки кормандони Агентӣ ва гурӯҳҳои мақсадноки хориҷӣ дар бораи ҳадафҳои Агентӣ бохабар бошанд, то ки ба воситаи ирсоли иттилоот дар комёб шудани ҳадафҳои Агентӣ мусоидат намоянд. Рушди ҷомеа ба ҳолате овардааст, ки Агентӣ дар вай ба сифати таъминкунандаи хизмат ҷои марказиро ишғол намекунад, аммо вай ба ивази ин ба истифодабарандаҳое, ки бо Агентӣ дар айни замон сару кор доранд, мувофиқат мекунад. Ба ин муносибат, Агентӣ бояд дар муносибат бо эҳтиёҷоти худ ва хоҳиш воқеиятро ҳифз намояд ва маълумотҳоеро паҳн намояд, ки вай мутобиқан чоп менамояд.

Робита бо васоити ахбори омма (ВАО) барои Агентӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад, гарчанде ВАО яке аз истифодабарандаҳои асосии омори расмӣ, воситаи муҳими робитаи байни истифодабарандаҳои маълумотҳои оморӣ ва оммаи васеи ҷомеа мебошад. ВАО, аз рӯи моҳият канали асосии ирсолу интиқоли омори расмӣ барои оммаи васеи ҷомеа мебошад, ба шарофати ин далел хеле муҳим аст, ки Агентӣ бо рӯзноманигорон муносибати хеле хубро пуштибонӣ менамояд. Дар ВАО Тоҷикистон бештари истиноду иқтибос нисбат ба дигар муассисаҳо ба Агентии омор дида мешавад.

ВАО – ро гурӯҳи ҷудогонаи мақсадноки истифодабарандаҳои Агентӣ намояндагӣ мекунанд, аммо муҳим аст, фаромӯш нашавад, ки нибат ба онҳо, мисли ҳамаи боқимонда истифодабарандаҳо ҳамон қоида ба кор бурда мешавад. Дигар карда гӯем то аз чоп баромадани маълумотҳои оморӣ, ҳатто иттилоот дар бораи он ки оё маълумотҳо муайян карда мешаванд ё бо маълумотҳои пештара чопшуда мувофиқат мекунанд, дар ВАО ҳеҷ вақт ба таври муфассал чоп карда намешаванд. Агентӣ барои нашр маълумотҳоро ба васоити ахбори омма пешниҳод намекунад, ин маънии онро дорад, ки ВАО ба маълумотҳо дар як вақт бо боқимонда истифодабарандаҳо дастрас мебошанд. Ғайр аз ин, Агентӣ мавқеи сиёсиро ишғол намекунад, зеро вай ташкилоти касбӣ мебошад.

Тамоми дархостҳои рӯзноманигорон/ ВАО ба иттилоот/ маълумотҳое, ки Агентӣ омода менамояд, ройгон – бепул

пешниҳод карда мешаванд.

Бо назардошти он ки Агентӣ дар баст (штат) оид ба робита бо ҷомеа намоянда надорад, ҷавобҳоро /маълумотҳоро оид ба дархостҳои рӯзноманигорон ҷузъу том оид ба паҳн намудани маълумотҳо ва мутахассисони райсатҳо тайёр мекунанд. Агар ариза тақозо кунад, дар он сурат вайро бояд Директори Агентӣ ё шахсе, ки ваколати директорро дошта бошад анҷом диҳад. Умуман, дархостҳои рӯзноманигорон дар бештари мавридҳо ба шарҳу тафсири маълумотҳои оморӣ, таҳлили маълумотҳо ва тадқиқотҳои оморӣ тааллуқ доранд.

Ҳангоми ҳозир набудани маълумотҳо шарҳу тафсир ва таҳлили маълумотҳо, зарур аст, ки шарҳу тафсири муфассал ва аниқ оид ба дархости пешниҳод кардашуда дода шавад. Қайд кардан зарур аст, ки унсурҳои хеле муҳим аз он хусус гувоҳӣ диҳанд, ки маълумотҳо, шарҳу тафсир ва таҳлили онҳо дар матни дархостшуда инъикос карда шудаанд. Мазмуну мундариҷае, ки барои шарҳу тафсир истифода мешавад, бояд ҳама фаҳманд, натанҳо кормандони омор.

Мо бояд донем, ки баъзе рӯзноманигорон ҳамаи қисматҳои барои ахбори онҳо тайёр кардашударо хабар намедиҳанд, онҳо бештар унсурҳоеро интихоб мекунанд, ки ба ақидаи онҳо барои хонандаҳо аҷоиб хоҳанд буд. Бо ин сабаб фавқулодда муҳим аст, ки чизи асосӣ дар дархости рӯзноманигор пайдо карда шавад ва таври зичу аниқ ва мақсаднок бо назардошти роҳ надодан ба тасвири нодуруст ҷавоб дода шавад. Ба рӯзноманигор ҳамеша хотирнишон кардан лозим аст, ки ба сифати манбаъ вай бояд ба Агентӣ истинод ва иқтибосро нишон диҳад.

Агар корманди Агентӣ мушоҳида кунад ё аз истифодабаранда хабарнома гирад, ки маълумотҳои Агентӣ дар васоити ахбори омма нодуруст пешниҳод шудаанд, ё нодуруст тафсир шудаанд, кормандони ҷузъу том оид ба паҳн намудани маълумотҳо бояд дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ба рӯзноманигороне, ки мақоларо чоп кардаанд алоқа кунанд ва эҳтиромона хоҳиш намоянд, ки нодурустиро дар иттилоот/ маълумотҳои нишон додашуда ислоҳ намоянд.

Ҷузъу том оид ба паҳн намудани маълумотҳо барои татбиқи фаъолияти бозорӣ (маркетингӣ), аз он ҷумла саволу ҷавоби андешаҳои ҷомеа ва овоздиҳӣ ҷавобгӯй мебошанд. Кормандони чузъу том оид ба паҳн намудани маълумотҳо барои гузаронидани тадқиқоте, ки истифодабарандаҳои ҷорӣ ва боиқтидорро фаро мегиранд, ҷавобгӯ мебошанд, ҳадафҳои тадқиқотро муайян мекунанд: проблемаҳо ва ҳадафҳое, ки манбаъҳои тадқиқот, навъ ва усули тадқиқот, интихоби тадқиқот, воситаи шарҳу тафсир ва пешниҳоди натиҷаҳоро муайян менамоянд.

Тадқиқот оид ба муайян намудани номи нек ва обрӯ барои он гузаронида мешавад, ки оё обрӯи Агентӣ дар назди

истифодабарандаҳои ҷорӣ ва пуриқтидор кам шудааст ё афзудааст. Ингуна тадқиқот баъди қабули тадбирҳои мушаххас, ки мо дар назар дорем, барои беҳтар шудани фаъолияти Агентӣ хеле зарур ва аҳамият доранд. Ғайр аз ин, онҳо барои ба даст даровардани бозхостҳо дар бораи омилҳое, ки ба ҷои он ки обрӯ бештару зиёдтар дар оянда ба онҳо таъсир расонанд, аҳамияти муҳим доранд.

**<u>7. Сиёсати нарх</u>**

Хеле муҳим аст, фаъолияти Агентӣ аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад, барои он ки Агентӣ мақоми ташкилоти тиҷоратиро надорад. Ин далелҳо ба дараҷаи хеле зиёд воситаи асосии ҳамкориро бо муштариён / истифодабарандаҳои омори расмӣ муайян менамоянд. Ҳамин тартиб, ҳиссаи муайяни нашрияҳо ва маълумотҳо ройгон – бепул дастрас мебошанд, нархҳо бошанд, барои чопи нашрияҳо ва дигар хизматҳо ба таври қатъӣ аз масрафи моддӣ вобастаанд. Агентӣ барои пардохти омори расмӣ чор моделро таҳия кардааст:

1. Дархостҳо барои иттилоот /маълумотҳо иттилоотро дар бораи Агентӣ ва фаъолияти вай, маълумотҳои чопшударо дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар доранд. Гарчанде ҷавобҳо ба ингуна дархостҳо иттилооти /маълумотҳои асосиро пешниҳод менамоянд, ҳангоме ки истифодабарандаҳо талаб мекунанд, дар шакли мактубӣ иттилоот /маълумотҳо дар намуди варақаи расмӣ бо имзои шахси масъул пешниҳод карда шаванд, онҳо ба истиснои баъзе мавридҳо ройгон – бепул пешниҳод карда мешаванд.

2. Дархостҳои ба меъёрҳо (стандартҳо) мувофиқ кардашуда барои коркарди маълумотҳо аз рӯи фармоиши инфиродӣ, ки дар чорчӯбаи раёсати соҳавӣ ва бе ёрии Раёсати Технологияи Иттилоотӣ ҳал кардан мумкин аст, пардохт на аз рӯи соати кори мутахассиси раёсат ва хароҷоти раёсати технологияи иттилоотӣ пардохта мешавад, балки аз рӯи ҳаҷми маълумотҳо ситонда мешавад. Нархномаи нашрия ва хизматрасонӣ дар феҳрасти нашрияҳо чоп карда шудааст (дар шакли чопӣ, инчунин дар сайти Агентӣ ройгон – бепул дарёфт кардан мумкин аст).

3. Дархостҳои мушаххас барои коркарди маълумотҳо аз рӯи фармоиши инфиродӣ дархостҳои муайяни истифодабарандаҳоро тангбинона дар назар доранд, пардохте, ки мувофиқи миқдори соати кор ситонда мешаваду барои мутахассиси раёсат барои иҷрои кори мазкур зарур аст, мутобиқи арзиши кӯмаке, ки раёсати технологияи иттилоот пешниҳод шудааст, рӯёнида мешавад. Арзиши ингуна хизматрасониҳоро пешгӯи кардан ё пешакӣ ба нақша гирифтан ғайриимкон аст.

4. Хазинаи маълумотҳо, масалан савдои хориҷӣ, регистри субъектҳои хоҷагидор, хазинаи маълумотҳои тадқиқоти қувваи

корӣ, хазинаи маълумотҳои тадқиқоти буҷети хонаводаҳо (ба таври қатъи таҳлилшуда, ғайриинфиродӣ) – ро дар назар дорад. Арзиши онҳо дар нархномаи нашрияҳо ва хизматҳое, ки дар феҳраст чоп шудаанд муайян карда шудааст (дар шакли чопӣ, инчунин дар сайти Агентӣ ройгон – бепул дарёфт кардан мумкин аст).

Тамоми иттилооти умумӣ, яъне маълумотҳои оморӣ, ки барои оммаи васеи ҷомеа пешбинӣ шудаанд, дар китобхона ва дар сайти Агентӣ ройгон дастрас мебошанд.